УДК 368
ББК 65. 272. 21

**ХУСУСИЯТҲОИ ТАТБИҚ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ТАЪМИНИ НАФАҚА**

***Шарипова Муҳайё Мирзоқобиловна*** *- ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДҲБСТ; (Тоҷикистон, Хуҷанд), e-mail: muhayo1982@bk.ru*

**ОСОБЕННОСТИ ВНЕДРЕНИЯ И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ПЕНСИИ**

***Шарипова Мухайё Мирзокабиловна*** *- ассистент кафедры аудит и ревизии ТГУПБП; (Таджикистан, Худжанд), e-mail: muhayo1982@bk.ru*

**FEATURES OF IMPLEMENTATION AND FACTORS OF DEVELOPMENT OF PENSIONS**

***Sharipova Mukhayo Mirzokabilovna*** *- assistant department audit and revision TSLUBP; (Tajikistan, Khujand), e-mail: muhayo1982@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *суғуртаи нафақа, таъминоти нафақа, барномаҳои нафақа, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нафақа аз рӯи синнусол,пардохти суғурта, ҳаҷми нафақа.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба мушкилоти таъминоти нафақа дар натиҷаи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа, дохил кардани тағйирот ба қонунҳо, тасдиқи қарорҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазъи низоми нафақаро вазнинтар карданд маълумот пешниҳод намудааст. Азбаски унсурҳои ислоҳот ва навсозии дилхоҳ низом, бахусус низомҳои суғуртаи нафақа танҳо дар татбиқи амалии навовариҳо ва тағйиротҳо тадриҷан, зина ба зина натиҷаи дилхоҳ пешниҳод намудан мумкин аст. Дар мақола муаллиф қайд нумудааст, ки хароҷоти барномаҳои нафақа (нафақа аз рӯи синнусол, маъюбӣ ва дар ҳолати талафи саробон) тақрибан 88%-и буҷети умумии барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудошударо ташкил медиҳад. Вазъи низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар якчанд самт, аз ҷумла аз рӯи самтҳои демографӣ, сохт ва намуд баррасӣ кардааст. Ба ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур якчанд омилҳои ба низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасонандаро бо муқоисаи музди меҳнат бо маблағи ҳадди ақали нафақа оварда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *пенсионное страхование, пенсионное обеспечение, пенсионные программы, социальная защита, пенсия по старости, пенсионная система, страховая выплата.*

*Автор анализирует проблемы пенсионного обеспечения в результате реформы пенсионной системы, внесения изменений в законы и принятия новых решений, которые обострили ситуацию в пенсионной системе. Поскольку элементы реформирования и модернизации любой системы, особенно системы пенсионного страхования, могут быть достигнуты только постепенно, при практическом внедрении нововведений и изменений, желаемый результат может быть достигнут также постепенно. Стоимость пенсионных программ (пенсии по старости, инвалидности, по случаю потери кормильца) составляет около 88% от общего бюджета, выделяемого на социальную защиту. Рассмотренно состояние пенсионной системы в Республике Таджикистан по ряду направлений, включая демографию, строительство, представлен ряд факторов, влияющих на пенсионную систему Республики Таджикистан по сравнению с минимальной заработной платой.*

***Key words:*** *pension insurance, pension provision, pension programs, pension system, social protection, insurance payment.*

*In this article, the author provides information on the problems of pension provision as a result of the reform of the pension system, amendments to laws, adoption of new decisions in the Republic of Tajikistan, which have aggravated the situation in the pension system. Since the elements of reforming and modernizing any system, especially the pension insurance system, can be achieved only gradually with the practical implementation of innovations and changes, the desired result can be achieved gradually. The author notes that the cost of pension programs (old age, disability, and survivor's pensions) is about 88% of the total budget allocated for social protection. He reviewed the state of the pension system in the Republic of Tajikistan in a number of areas, including demography, construction and type. In addition, this article presents a number of factors affecting the pension system of the Republic of Tajikistan in comparison with the minimum wage.*

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ мушкилоти таъминоти нафақа дар натиҷаи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа, дохил кардани тағйирот ба қонунҳо, тасдиқи қарорҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазъи низоми нафақаро вазнинтар кардананд, сахт эҳсос мешавад. Азбаски унсурҳои ислоҳот ва навсозии дилхоҳ низом, бахусус низомҳои суғуртаи нафақа, танҳо дар татбиқи амалии нававариҳо ва тағйиротҳо тадриҷан, зина ба зина ба натиҷаи дилхоҳ хоҳад овард. Аммо ҷанбаҳои мусбат ва манфиро ба риштаи таҳлил кашида ва дар сурати зарурӣ, камбудиҳоро бартараф кардан мумкин аст. Зеро истифодаи таҷриба ва низоми як давлати аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ мутараққӣ натиҷаи муваффақонаи иқтисоди кишвари дигарро кафолат дода наметавонад, азбаски иқтисодиёти ҳар як кишвар хусусиятҳои хоси татбиқи низоми нафақа ва феҳрасти омилҳои таъсиррасон ба такмили онро дорад. Маҳз чунин далелҳо мубрамияти омӯзиши хусусиятҳои татбиқи таъминоти нафақаро мудаллал месозанд. Инчунин дар ин замина бояд қайд кард, ки хароҷоти барномаҳои нафақа (нафақа аз рӯи синнусол, маъюбӣ ва дар ҳолати талафи саробон) тақрибан 88%-и буҷети умумии барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудошударо ташкил медиҳад. Дар ин замина, низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳамчун низоми таъмини нафақа тавсиф кард. Барои дар ҳалли ин мушкилот гузоштани саҳми муайян, ба назари мо, муайян кардани вазни қиёсии нафақахӯрон дар теъдоди умумии нафақагирон мувофиқи мақсад мебошад.[1, 36]

Вазъи низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чанд самт баррасӣ кардан мумкин аст:

1. Аз рӯи самти демографӣ. Тамоюли шумораи аҳолиро дар муқоиса бо нафақахӯрон аз рӯи намудҳои нафақаи гирифташаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 таҳлил мекунем.

Ҷадвали 1

Тамоюли теъдоди нафақахӯрон нисбат ба шумораи нафақахӯрони коркунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2013-2019, ҳазор нафар

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои таҳлилшуда | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Шумораи қувваи корӣ | 4859 | 4983 | 5111 | 5224 | 5326 | 5427 | 5521 |
| Ҷамъи гирандагони нафақа | 610,9 | 603,6 | 617,4 | 642,8 | 664,8 | 687,1 | 711,2 |
| Шумораи нафақахӯрони коргар | 36,1 | 33,7 | 31,5 | 48,1 | 45,1 | 42,3 | 39,0 |
| Ҳиссаи гирандагони нафақа дар шумораи аҳолии қобили меҳнат,% | 24,1 | 29,8 | 13,9 | 15,9 | 14,5 | 12,1 | 18,2 |
| Шумораи нафақахӯрон, % | 228,27 | 230,14 | 228,17 | 272,13 | 270,67 | 309,94 | 303,21 |
| Ҳиссаи нафақахӯроне, ки кор мекунанд, дар шумораи умумии нафақахӯрон,% | 102,4 | 98,8 | 102,3 | 104,1 | 103,4 | 103,3 | 103,5 |

Дар асоси нишондоди ҷадвали 1, тамоюли зиёдшавии шумораи гирандагони нафақа, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 - 12,81% зиёд шудааст, ба назар мерасад. Ва нишондиҳандаи аҳолии қобили меҳнат баландтар аст ва 15,92% -ро ташкил медиҳад. Махсусан қайд карда мешавад, ки шумораи нафақахӯроне, ки кор мекунанд дар давраи солҳои 2013-2019 коҳиш ёфт, аммо дар соли 2019 ҷаҳиши якбора дар самти афзоиш ба назар мерасад, ки 48,1 ҳазор нафарро ташкил додааст ва дар маҷмӯъ, барои солҳои 2013-2019 афзоиши теъдоди нафақахӯроне, ки кор мекунанд - 32,14% ба назар мерасад. Ҳиссаи шумораи гирандагони нафақа дар шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат бошад, дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 коҳиш ёфт ва 97,29% -ро ташкил додааст. [2, 163]

Вазни қиёсии нафақахӯрони корманд дар шумораи умумии нафақахӯрон дар тӯли панҷ соли охир ба 17,06% афзудааст, ки ин нишондиҳандаи мусбат аст. Ҳама муқоисаҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2019 нафақахӯрон танҳо 12,19% шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатро ташкил додаанд. Қисми зиёди аҳолиро ҷавонону миёнсолон ташкил медиҳанд. Ин чунин маъно дорад, ки дар шароити кунунии ислоҳоти низоми нафақа, бартарии ҷавонон нисбат ба нафақахӯрон раванди такмили низоми навро осон мегардонад, зеро ҷавонон, тавре ки маълум аст, донор мебошанд.

2. Аз рӯи сохт. Дар муқоиса бо шаклҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз қабили, имтиёзҳо барои корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдак, кӯмакпулӣ аз бекорӣ хосияти яквақта доранд, яъне танҳо дар вақти сар задани баъзе ҳолатҳо пардохта мешавад, нафақа бошад хусусияти доимӣ дорад - зеро аҳолӣ дар тӯли тамоми ҳаёти худ гуфтан мумкин аст, ки зиёда аз

нисфи ҳаёти худ, онҳо ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ ҷамъ мекунанд, бо мақсади гирифтани нафақаи ҷамъшуда дар синнусоли пирӣ ё солҳои корношоямӣ.

3. Аз рӯи намудҳо. Лозим ба таъкид аст, ки аз 18 марти соли 2015 тибқи таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғурта ва давлатӣ” намудҳои нафақаҳои давлатӣ ва суғурта кам карда шудааст, зеро нафақаи барои хизмати дарозмуддат хориҷ карда шудааст. Дар навбати худ, нафақаи суғурта аз нафақаи синнусолӣ, маъюбӣ ва дар ҳолати талафи саробон иборат аст.

Ҳамин тавр, бо назардошти ҳамаи омилҳо ва хусусиятҳои номбаршуда, садди синнусоли нафақахӯрон дар низоми нафақа нақши муҳим мебозад. Тибқи Қонуни суғурта ва нафақаҳои давлатӣ, м.13 (1) - нафақаи суғуртавии пиронсолӣ барои мардҳо, пас аз расидан ба синни 63 ва барои занон, пас аз расидан ба синни 58-солагӣ, ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои пардохти суғуртаи суғуртакунандагон (корфармоён) ва бевосита, аз ҷониби шахсони суғурташуда таъин карда мешавад. Садди синну соли нафақа яке аз омилҳои асосие, ки ба ҳаҷми таъминоти нафақа таъсир мерасонад, ки чӣ қадар ин садд баландтар бошад, ҳамон қадар ҳаққи суғурта зиёдтар ҷамъ мешавад, ки заминаи асосии пардохти нафақаро ташкил медиҳад. Масоили асосӣ ҷудо кардани давраи вақти низоми нафақаи амалкунанда бо мақсади дақиқтар муайян кардани низоми оптималӣ мебошад. Бо ҳадафи муқаррар кардани сабабҳои афзоиш ва ҷудо кардани давраe, ки дар он болоравӣ мушоҳида мешавад, яъне куллаи маблағи таъминоти нафақа, мо омилҳои асосии зерини ба низоми нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасонандаро ҷудо кардем.[3, 25]

Омилҳои коррелятсионии таъмини нафақа




Дар байни омилҳои дар боло зикршуда, омили асосӣ дар таъини нафақа музди миёнаи аҳолӣ мебошад аз ин лиҳоз, муқоисаи музди меҳнат бо маблағи ҳадди ақали нафақа дар иқтисодиёти Тоҷикистон манфиатдор аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Андозаи миёнаи хармохаи нафакаи тайиншуда ва таносуби он бо музди мехнати миёнаи хармоха




Ҷадвали 3

Шумораи маъюбон




Диаграммаи дар боло овардашуда, афзоиши музди миёнаи моҳонаро дар давоми шаш соли охир нишон медиҳад. Гарчанде ки андозаи музди миёнаи моҳона дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 ба 7,21% афзудааст, чунин нишондод бояд нокофӣ ҳисобида шавад. Ҳамчунин, нафақаи якмоҳа ба ҳисоби миёна дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 ба 9,7% зиёд шудааст, яъне афзоиши ҳаҷми нафақа ба назар мерасад. Дар алоҳидагӣ, ин нишондиҳандаҳо мусбатанд, аммо дар натиҷаи таҳлили муқоисавии ду нишондиҳандаи ба ҳам алоқаманд тибқи диаграмма, босиран ва бе ҳисобҳои пешакӣ фарқи назаррас мушоҳида мешавад, яъне маблағи музди миёнаи моҳона аз нафақаи миёнаи моҳона беш аз пеш аз 3,5 маротиба зиёдтар аст. Аммо таҳлили солҳои 2013-2019 нишон медиҳад, ки маблағи музди миёнаи моҳона 2,4 маротиба зиёд шудааст ва маблағи нафақаи миёнаи моҳона дар ҳамин давра

ҳамагӣ 2,17 маротиба зиёд шудааст. Тибқи ин диаграмма, махсусан мушоҳида мешавад, ки фарқи байни нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда сол аз сол меафзояд, ки ин аз мавҷудияти мушкилиҳои касри таъминоти нафақа шаҳодат медиҳад. [2, 166]

Зимнан, бояд қайд кард, ки ғизои комил аз даромади нафақахӯрон, алалхусус аз ҳаҷми нафақа, ки мудом нокифоя аст, вобаста мебошад. Ҳамин тавр, зарурати таҳлили муқоисавии арзиши аслии маҷмӯи маҳсулоти озуқаворӣ бо меъёри арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба миён меояд. Ин меъёрро нафақахӯр дар он ҳолат риоя карда метавонад, ки агар нафақа наздик ба арзиши маҷмӯи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки асоси ҳадди ақалли рӯзгузаронии нафақахӯрон мебошад, ба даст гирад. Чӣ хеле, ки маълум аст, ҳадди ақалли рӯзгузаронӣ ба ҳар сари аҳолӣ мавҷуд аст, аммо мо ҳисобкунии хароҷотҳои воқеии нафақагиронро пешниҳод мекунем, зеро онҳо – категорияи махсуси ба хароҷотҳои ҳаётан муҳим ниёзманд мебошанд, аз қабили зарурияти хариди воситаҳои доруворӣ, дар давраҳои расмиёти муолиҷавӣ, ба ғайр аз хӯрокҳои аз ҷиҳати экологӣ соф, хӯрокҳои бидуни холестерин ва ғайра, ки аз озуқаҳои кимиёвӣ гаронтаранд.

Бо мақсади беҳтар намудани амалкарди низоми нафақа дар Тоҷикистон, амсилаи иқтисодӣ-математикӣ тавассути муайян намудани таъсири омилҳои мушаххас ба таъминоти нафақаи фардият таҳия шудааст. Моҳияти амсила аз қобилияти пешгӯӣ кардан ва таъсири ҳар як омили баррасишаванда ба рушди нафақа иборат мебошад. Ба сифати аломатҳои самарабахш ва сабабӣ зерро қабул кардем (ҷадвали 4):

Ҷадвали 4

Аломатҳои шартии нишонаҳо ва воҳиди ченкунӣ

| Нишон додани хусусият | Нишона | воҳиди ченак |
|---|---|---|
| У | Нафақаи миёнаи моҳона | сомони |
| X1 | Ҳиссаи нафақахӯрон дар аҳолии қобили меҳнат | % |
| X2 | Ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | % |
| X3 | Ҳиссаи нафақахӯрон, ки кор мекунанд, дар шумораи умумии нафақахӯрон | % |
| X4 | Трансфертҳои буҷети давлатӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | ҳазор. сомони |
| X5 | Суръати афзоиши ММД | % |
| X6 | Суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат | % |

Бо назардошти он, ки афзоиши нафақа ва омилҳои дар боло овардашуда робитаи хаттӣ доранд, фарз кардан мумкин аст, ки амсилаи робитаи мутақобила метавонад ҳамчун муодилаи регрессияи шакли ҷамъ ифода карда шавад:

$$\mathbf{y = a + bx1 + cx2 + dx3 + ix4 + kx5 + lx6}$$

Давраи таҳқиқ солҳои соҳибистиқлолиро фаро мегирад. Дар асоси он, ки додаҳои воқеӣ бениҳоят калон аст, дар ин ҷо баъзе аз онҳо оварда шудаанд (ҷадвали 5):

Ҷадвали 5

Маълумотҳои ибтидоӣ барои гирифтани амсилаи гуногунҷабҳа

| Годы | У | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 | X6 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | Нафақаи миёнаи моҳона, бо сомонӣ | Ҳиссаи нафақахӯрон дар аҳолии қобили меҳнат, % | Ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол,% | Ҳиссаи нафақахӯроне, ки кор мекунанд, дар шумораи умумии нафақахӯрон, % | Трансфертҳои буҷети давлатӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ, ҳазор сомонӣ | Суръати афзоиши ММД, бо% | Суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат, % |
| 2000 | 4,06 | 17,23 | 27,92 | 6,02 | 32094,4 | 108,3 | 100,00 |
| 2001 | 6,01 | 16,27 | 28,69 | 5,90 | 48052,9 | 108,8 | 104,00 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2002 | 10,09 | 15,39 | 28,54 | 5,38 | 71723,2 | 109,2 | 108,81 |
| 2003 | 13,07 | 14,43 | 28,38 | 4,87 | 108961,1 | 109,4 | 113,51 |
| 2004 | 16,92 | 13,61 | 30,79 | 5,14 | 158347,1 | 110,3 | 118,34 |
| 2005 | 27,51 | 13,25 | 30,86 | 5,36 | 232412,6 | 106,7 | 122,72 |
| 2006 | 42,33 | 12,76 | 30,25 | 5,47 | 317015,9 | 107,0 | 126,94 |
| 2007 | 45,21 | 12,44 | 29,79 | 5,69 | 355591,9 | 107,9 | 131,02 |
| 2008 | 87,36 | 12,29 | 29,40 | 5,76 | 522112,1 | 103,9 | 134,70 |
| 2009 | 90,71 | 12,28 | 29,47 | 6,24 | 713505,7 | 106,5 | 138,91 |
| 2010 | 125,24 | 12,52 | 29,30 | 6,39 | 860224,3 | 103,9 | 140,11 |
| 2011 | 152,30 | 12,43 | 28,81 | 6,30 | 1129748,5 | 107,4 | 146,68 |
| 2012 | 181,82 | 12,44 | 28,68 | 6,25 | 17819,63 | 107,5 | 147,76 |
| 2013 | 228,27 | 12,42 | 28,27 | 5,91 | 2088969,3 | 107,4 | 151,54 |
| 2014 | 230,14 | 11,96 | 27,84 | 5,58 | 2444303,6 | 106,7 | 155,42 |
| 2015 | 228,17 | 11,93 | 27,83 | 5,10 | 2637384,8 | 106,0 | 159,41 |
| 2016 | 272,13 | 12,19 | 27,28 | 7,49 | 2733977,9 | 106,9 | 162,42 |
| 2017 | 270,67 | 11,90 | 27,15 | 6,55 | 64434,3 | 100,9 | 165,32 |
| 2018 | 309,94 | 12,52 | 26,85 | 6,33 | 71059,2 | 100,8 | 168,56 |
| 2019 | 303,21 | 12,62 | 27,26 | 5,68 | 77354,7 | 100,5 | 164,63 |

Омили навбатӣ ва беш аз пеш муҳими таъмини нафақа шумораи нафақахӯрон мебошад, зеро миқдори нафақахӯрон ба ҳаҷми нафақа таъсир мерасонад, ки аз ин динамикаи коэффитсиенти умумии сарбории нафақа шаҳодат медиҳад. Дар зери сарбории нафақа, таносуби шумораи нафақахӯрон ба шумораи одамони дар соҳаи иқтисод иштиғол, фаҳмида мешавад. Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда, мо гуфта метавонем, ки динамикаи шумораи нафақахӯрон нисбат дар даҳ соли охир ба 12% афзудааст. Ҳамчунин, мувофиқи динамикаи шумораи шуғли аҳолӣ дар иқтисод, дар солҳои 2013-2019 афзоиш ба 6,8% ба чашм мерасад (ҷадвали 6). Гарчанде, ки андозаи афзоиши ин нишондиҳандаҳо калон набошад ҳам, онҳо ба афзоиши ботадриҷ ва устувор нишон медиҳанд. Дар маҷмӯъ, динамикаи коэффитсиенти умумии сарбории нафақа (таносуби шумораи нафақахӯрон ба шумораи дар иқтисод иштиғол) нишон медиҳад, ки вазъи демографӣ ба андозаи нафақа низ таъсири мусбат мерасонад. [4, с. 61]

Ҷадвали 6

Динамикаи шумораи нафақахӯрон ва иштиғол дар иқтисодиёт, коэффитсиенти сарбории нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019

| Солҳо | Динамикаи шумораи нафақахӯрон, (2013сол=100%) | Динамикаи шуғл дар иқтисодиёт (2013 сол=100%) | Коэффитсиенти вобастагии умумии нафақа |
|---|---|---|---|
| 2013 | 102,4 | 95,5 | 0,25 |
| 2014 | 98,8 | 97,9 | 0,26 |
| 2015 | 102,3 | 106,2 | 0,26 |
| 2016 | 104,1 | 116,5 | 0,26 |
| 2017 | 103,4 | 126,5 | 0,26 |
| 2018 | 103,3 | 137,9 | 0,26 |
| 2019 | 122,20 | 148,4 | 0,27 |

Тавре ки маълум аст, маохизи асосии воқеии пардохти нафақа барои нафақахӯрон пардохтҳои ҳармоҳа ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз ин рӯ, саҳми афзоиши шумораи иштиғол ба динамикаи умумии ҳаҷми нафақа ба риштаи таҳлил кашида шудааст (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7

Саҳми афзоиши шумораи шуғли аҳолӣ ба динамикаи умумии андозаи нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019

| Солҳо | Шумораи одамоне, ки дар иқтисод кор мекунанд, ҳазор нафар | Андозаи нафақа, сомонӣ | Саҳми афзоиши шумораи аҳолии шуғл ба динамикаи умумии андозаи нафақа,% |
|---|---|---|---|
| 2013 | 2307,3 | 228,27 | 10,01 |
| 2014 | 2325,4 | 230,14 | 10,10 |
| 2015 | 2379,7 | 228,17 | 10,42 |
| 2016 | 2385,3 | 272,13 | 8,76 |
| 2017 | 2407,0 | 270,67 | 8,89 |
| 2018 | 2425,7 | 309,94 | 7,82 |
| 2019 | 2463,4 | 303,21 | 8,12 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ: маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.495; Маҷмӯаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: АОПҶТ. - 2020. - С.163-166*

Ба ҳама маълум аст, ки низоми нафақа ба андози иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вилояти Суғд ворид мешавад: 1% аз шахсони воқеӣ ва 25% аз ҷониби корфармоён, 20% аз соҳибкорони инфиродӣ. Барои ҳалли мушкилоти афзоиши таъминоти нафақа мо пешниҳод менамоем, ки мизони пардохтҳо ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд аз ҷониби корфармоён коҳиш дода шавад, ки корфармоёнро водор мекунад, ки музди меҳнати воқеии кормандонро пинҳон накунанд. Барои кормандон, инчунин коҳиш ёфтани мизони андози иҷтимоӣ боиси инъикоси воқеии музди меҳнати онҳо дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ мегардад. Ин ислоҳот ба он оварда мерасонад, ки аз ҳисоби маоши баланди 1% андози иҷтимоӣ, инчунин пасандозҳои кормандон зиёд хоҳад шуд. Дар натиҷа, чунин бояд шуд, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ чӣ қадар маблағ ҷамъ шудааст, ҳамон миқдор бояд дар айёми пиронсолӣ ва беморӣ гирифт. Ба ҳамаи кормадон РИС дода шудаст, аммо ин низом то ҳол ба таври комил фаъолият намекунад, яъне сарфи назар аз он, ки ҳар як корманд РИС дорад, пул дар суратҳисобҳои инфиродӣ нигоҳ дошта намешавад. Ин бо он сабаб мудаллал аст, ки воситаҳои пулӣ бамаврид ҷамъ намешаванд, зеро тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2019 шумораи нафақахӯрон 3,5% зиёд шуд, аммо дар ин давра шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ҳамагӣ ба 0,19% зиёд шуд.[5, м. 216]

Дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ имкони воқеан ҷамъ кардани саҳмияҳои иҷтимоии пардохтшуда дар суратҳисобҳои инфиродӣ мавҷуд аст, зеро фонди нафақаи ин кишварҳо хеле бой аст ва онҳо имконият доранд, ки воситаҳои пулии нафақахӯрони ояндаро ба фаъолияти дигар корхонаҳо ва ба коғазҳои қиматнок гузоранд, ки боиси афзоиши сарват мегардад. Одатан, коргароне, ки 30-40 сол кор кардаанд, ба ояндаи худ, ҳамчун нафақахӯр, нобоварӣ ҳис мекунанд. Ҳар як нафақахӯри оянда метарсад, ки барои таъмини зиндагии комил маблағҳои нокифоя дорад. Аз ин рӯ, дар айни замон, кормандон вазъи кунунии нафақахӯронро таҳлил ва мушоҳида карда, кӯшиш мекунанд, ки аз супоридани пардохтҳо ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашӣ кунанд. Ҳар як корманд мекӯшад, ки воситаҳои пулии худро дар шакли тилло, амволи ғайриманқул, пасандозҳо ё хариди саҳмияҳо дар корхонаҳо ҷамъ оварад ва бо ин ҳаёти сазовори худро дар пиронсолӣ таъмин кунанд.

Коршинос оид ба сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳолии Барномаи иттиҳодияи аврупоӣ оид ба дастгирӣ ва рушди нерӯи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилова З.А. таъкид мекунад, ки ҳангоми мукаммалгардонии ин низом хусусияти байнисоҳавии онро ба назар гирифтан лозим аст, ки ба фарогирии зерин, аз ҷумла ба баробарии дастрасӣ ба хидматҳо, захираҳо ва имкониятҳо мусоидат мекунад; тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазир барои иштирок дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ; дар амнияти бештар, қобилияти мубориза бо хатарҳои музмин ё ногаҳонӣ, бахусус дар байни гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазир; рушди нерӯҳои кадрӣ; диверсификатсия дар рафъи хидматҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ барои рафъи ҳолатҳои душвори зиндагӣ. [6, 89]

Бо мақсади самарабахшии низоми нафақа, ба андешаи мо, тадбирҳои зерин бояд андешида шаванд:

- равона кардан ва андӯхти воситаҳои пулии кормандон маҳз ба суратҳисоби РИС (рақами инфиродии суғурта)-и онҳо;

- бо мақсади ҷалб ва ҳавасмандгардонии пардохтҳо бояд мизони пардохтҳо ба Агентии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан корхонаҳо ва соҳибкорон, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ коҳиш дода шаванд.

## ПАЙНАВИШТ


1. Ҷаббаров А. Ҷаббаров З. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ / А. Ҷаббаров, Ҷаббаров А. Масъалаҳо ва роҳҳои ислоҳоти системаи амнияти иҷтимоӣ / А. Ҷаббаров // Иқтисоди Тоҷикистон. - 1998. – №1. - С.36-42
2. Омори солона Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. // Душанбе: АОПҶТ. - 2020. - С.495
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғурта ва нафақаҳои давлатӣ" бо тағиротҳо аз 18 марти соли 2015, № 1200. С.29
4. М.З., Абдурахманова Особенности развития и модернизации системы социальной защиты населения в национальной экономике Таджикистана дисс. к.э.н., специальность 08.00.05, Душанбе 2018 С.57-61
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 17 сентября 2012 г., № 901, м.216. ( аз 01.01.2017)
6. Комилова З.А., Управление системой социальной защиты населения Республики Таджикистан. / З.А. Комилова // Власть. - СПб. - 2018.-№ 1.-С.89-92.


## REFERENCES


1. Jabbarov A. Jabbarov 3. Social protection of the population / A. Jabbarov, Jabbarov A. Questions and ways of reforming the social security system / A. Jabbarov // Economy of Tajikistan. - 1998. –№1. - P.74.
2. Law of the Republic of Tajikistan "On Insurance and State Pensions" as amended on March 18, 2015, №. 1200.
3. Statistics Agency under to the President of the Republic of Tajikistan, 2020. - P. 163; Statistical Digest of the Republic Tajikistan, Dushanbe: ASPRT. - 2020. - P. 163-165.
4. M.Z., Abdurahmonova. Features of the development and modernization of the system of social protection of violence in the national economy of Tajikistan dis. kart special 08.00.05 Dushanbe 2018 P.57-61
5. Tax Code of the Republic of Tajikistan, dated September 17, 2012, № 901, article 216. (as amended on 01.01.2017)
6. Komilova ZA, Management of the system of social protection of the population of the Republic of Tajikistan. / PER. Komilova // Power. - SPb. - 2018.-№ 1.-P.92.